# Санҷишҳо ва балоҳо бар марду зани муъмин дар худаш, фарзандонаш ва молу дороияш ҳамчунон давом мекунад, то вақте ки Аллоҳ Таъолоро дар ҳоле мулоқот мекунад, ки ҳеҷ хато ва гуноҳе надорад

Аз Абуҳурайра (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Санҷишҳо ва балоҳо бар марду зани муъмин дар худаш, фарзандонаш ва молу дороияш ҳамчунон давом мекунад, то вақте ки Аллоҳ Таъолоро дар ҳоле мулоқот мекунад, ки ҳеҷ хато ва гуноҳе надорад."
[Ҳасан] [رواه الترمذي وأحمد]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳад, ки озмоишҳо ва санҷишҳо аз марду зани муъмин дур намешаванд, чунон ки дар ҷисм, саломатӣ, фарзандон аз беморӣ, вафот ва нофармонии фарзандон озмоиш мешавад. Инчунин дар молу дорои аз фақр, талафоти тиҷорат, дуздӣ, ё тангдастӣ озмоиш мешавад. Ҳамаи ин санҷишҳо барои поксозии гуноҳонаш ҳастанд, то ки вақте назди Аллоҳ мерасад, пурра пок ва бегуноҳ бошад.



النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee